# КОРШИНОСОН

## салоҳияти касбии омӯзгорон ва устоҳои таълимиро баррасӣ карданд

**17 апрели соли ҷорӣ Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо «Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим» дар доираи Лоти 2 масъалаи салоҳияти касбии омӯзгорон ва устоҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро мавриди баррасӣ карор дод.**



Воқеан, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ барои сифати самти таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва комёбиҳои шогирдони худ нақши ҳалкунанда доранд. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба самти таҳсилоти касбӣ рӯз аз рӯз афзун мегардад. Ин аст, ки дар меҳвари лоиҳаи болозикр низ аслан ҳамин самти фаъолият хада-






фи асосӣ қарор дода шудааст. Мусаллам аст, ки дар ин росто омӯзиш қисмати асосии таълимро ташкил медиҳад ва одамони синну соли гуногунро ба касбҳое ҷалб месозад, ки барои ҳама қисматҳои иқтисодиёт муҳиму зарур маҳсуб шуда, дар интегратсияи иҷтимоӣ саҳми арзишманд мегузоранд.

Пӯшида нест, ки омода намудани омӯзгорони муосиру ҷавобгӯи талаботи меҳнати имрӯза ҷанбаи калидии сифати таҳсилотро муайян менамоянд. Аз ин хотир ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилоти ибтидоии касбӣ зарур аст, ки шароити созгору замонавӣ бобати дуруст ва таври муосир омода намудани омӯзгорону дастурдиҳандагон бояд комилан таъмин гардад. Зеро дар баробари дигар ҷанбаҳо, амсоли маблағгузорӣ, таъсиси пойгоҳи моддӣ—техникӣ, таъмини таҷҳизот ва дигар ашёҳо, омода намудани омӯзгорони зиндагисоз дар самти сифати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва пирӯзии шогирдон имрӯз мақоми калидиро касб кардаанд.

Умуман таҳсилоти касбӣ дар ҳамаи қишрҳои ҷомеа фаъолияти олии тахассусӣ маҳсуб мешавад. Ин аст, ки таҳсилоти ибтидоии касбии омехтаву пайванд ба омӯзиш хосса дониста шуда, он таҳияи стратегияҳои гуногуни омӯзиши кадрҳои муҳандисӣ-педагогиеро, ки ба талаботу натиҷагириҳои бахши иқтисодӣ ҷавобгӯ ҳастанд, дар шароити кунунӣ тақозо менамояд.

Бо ин ҳадаф дар ҷаласаи навбатии лоиҳа сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони вазорат Раҷабалӣ Гулшанзода аз ҳамин хусус суханронӣ намуда, аз ҷумла гуфт:

- Айни ҳол дар доираи лоиҳаи мазкур 20 барномаи таълимии ихтисос барои омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ коркард шуда истодааст. Ҳамчунин дар ин замина такмили ихтисоси кормандони Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон, омӯзгорону устоҳои таълим истеҳсолии берун аз Ҷумҳурӣ низ дар назар мебошад.



То имрӯз дар пойгоҳи 8 муассисаи зерсохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон марказҳои захиравӣ ташкил шудааст. Онҳо бо техника, таҷҳизот ва ашёву аёниятҳои таълимӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд. Ин воситаҳо ба марказҳои захиравӣ нимаи аввали соли 2019 дастрас хоҳанд гашт.

Р. Гулшанзода афзуд, ки «дар давоми 2 соли фаъолияти лоиҳа зиёда аз 38 семинар, ҷаласаи гурӯҳҳои корӣ, тренингҳо ва курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд. Дар ин чорабиниҳо 865 нафар мутахассис ва коршиносон аз вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои таълимӣ иштирок доштанд.

Бояд гуфт, ки бо мақсуди такрор накардани фаъолияти якдигар, байни лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо ва Бонки Осиёии Рушд гурӯҳи кории ҳамоҳангсозӣ ташкил ёфтааст, ки ҳар семоҳа як маротиба вохӯрӣ барпо намуда, оид ба ҷараёни татбиқшавии лоиҳаҳо маълумоти саҳеҳ манзур менамоянд ва мутахассисон баҳри беҳтар гаштани раванди татбиқшавии лоиҳаҳо ба ҳамдигар тавсияҳои муфид медиҳанд».

Дар ҷаласа роҳбари лоиҳа Галия Божанова низ дар мавриди масъалаи мавриди назар суханронӣ карда, мазмуну муҳтавои ҳамоишро таври густарда тавзеҳ дод ва аз оғози бобарори корҳои амалӣ дар ин самт хабар расонд. Мавсуф омода намудани омӯзгорони муосир ва устоҳои таълимиро барои самти таҳсилоти ибтидоии касбӣ зарур ва бағоят муҳим арзёбӣ намуд.

Коршиноси калидии лоиҳа, тренер-омӯзгор Весна Яневски Чаҳорчуби коркарди охирон ва дастовардҳои салоҳияти омӯзгоронро дар ҷаласаи якуми пленарӣ муаррифӣ кард ва ба саволу пурсишҳои шунавандагон посух дод.

Сипас дар ҷаласаҳои пленарии 2 ва 3 мутахассисони байналмилалӣ 2 даври омӯзиширо барои омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ таври умумӣ, омехта, соҳавӣ ва мушаххас баррасиву муайян намуданд. Ҷаласаҳои пленарӣ бо мубодилаи афкори иштирокдорон ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, ба пурсишҳои зиёде посухҳои қаноатбахш дода шуд.

Ҷаласаро роҳбари лоиҳа Галия Божанова ҷамъбаст кард.

**Хабарнигори мо**



**Бо дастгирии молиявии шарикони рушд айни замон дар Тоҷикистон 70 лоиҳа ба маблағи умумии 31,9 миллиард сомонӣ ё муодил ба 3,38 миллиард доллари амрикоӣ амалӣ гардида истодааст.**